**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2025).**

Муаррифии низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҳамчун яке аз нахустин рукнҳо ва заминаҳои ташаккули давлатдорӣ ва ҳуқуқи бостонии тоҷикон аҳаммияти бунёдӣ дорад. Китоби муқаддаси Авесто на танҳо ба сифати манбаи динӣ, балки ҳамчун як қонуни ҷомеашиносӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҳаётии инсон нақши муҳим бозидааст. Меъёрҳои ин низом дар мавриди ҳифзи муҳити зист, муносибат бо ҳайвонот, баробарии ҷинсӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҷазодиҳӣ намунаи равшани адолат ва инсондӯстӣ ба ҳисоб мерав止. Дар шароити муосир, ки таъсири меъёрҳои ғарбӣ ба қонунгузории кишварҳо тақият ёфтааст, ҳифзи арзишҳои ҳуқуқии миллӣ ва муаррифии онҳо барои наслҳо оянда аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар эҳёи мероси ниёгон, хусусан низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ба таҳкими худшиносии миллӣ, боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ мусоидат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Вандидод яке аз манбаъҳои нодиру комили ҳуқуқии аҳди бостон буда, дорои муқаррароти фарогир дар соҳаҳои мухталиф мебошад. Аз ҷумла муқаррароти ин сарчашмаи ҳуқуқии таърихӣ фарогири соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, экологӣ, оилавӣ ва ахлоқӣ буда, дигар бахшҳои ҳуқуқро дар аҳди бостон танзим намудааст. Дар ин матн мафҳумҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ бо вижагиҳои замони худ гирд оварда шудаанд. Танзими равобити ҷамъиятӣ тавассути қоидаҳои муфассали ҳуқуқӣ дар Вандидод нишон медиҳад, ки ниёгони тоҷик дорои низоми муназзами ҳуқуқӣ ва таҷрибаи пешрафтаи давлатдорӣ будаанд. Аз ин рӯ, Вандидодро метавон ҳамчун як намунаи қадимаи «Кодекси ҳуқуқии фарогир» баррасӣ кард, ки арзиши таърихӣ ва илмии он то имрӯз кам нагардида, дар таҳкими пояҳои назарияи ҳуқуқ ва қонунгузории муосир нақши назаррас доштааст.

Таҳқиқи мазкур бо вижагиҳои таҳлили таърихӣ, пешниҳоди навгониҳо ва хулосаву натиҷаҳои илмӣ дар саҳнаи илмҳои таърихи ҳуқуқ ва назарияи ҳуқуқ фарққунанда мебошад. Бори аввал низоми ҳуқуқии зардуштия ҳамчун низоми мустақил ва мукаммал баррасӣ гардида, унсурҳои он, аз ҷумла ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил ва тасниф шудаанд. Пажӯҳиш исбот мекунад, ки ҳуқуқи динӣ дорои сохтор, мафҳум ва принсипҳои мушаххаси худ мебошад, ки дар заминаи таърихӣ ва фарҳангии муайян ташаккул ёфтааст. Ин равиши илмӣ имкон медиҳад, ки дарки илмии ҳуқуқи қадимаи тоҷикон ва нақши он дар шаклгирии қонунгузории миллӣ амиқтар гардад ва дар баробари ин, илми ҳуқуқшиносии тоҷик бо таҳқиқоти комиле оид ба таърихи ташаккули ҳуқуқ ошноӣ пайдо намояд.

Хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот ба таҳкими заминаҳои таърихӣ ва назариявии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат карда, барои таҳлили амиқи масъалаҳои марбут ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақа шароити мувофиқ фароҳам меоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ мебошанд, зеро онҳо ба таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нигоҳи таърихӣ, инчунин таҷрибаи қонунгузории муосир асос ёфтаанд. Ин таҳлилҳо дар асоси манбаъҳои илмии муътамад ва усулҳои илмии эътирофшуда анҷом дода шудаанд.

Сабки нигориш, усули гузориши масъала ва бунёди мантиқии диссертатсия шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот пурра аз ҷониби муаллиф иҷро шудааст. Илова бар ин, дар мақола ва маърузаҳои илмии муаллиф як қатор пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ баён шудаанд, ки барои амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ ва такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

Кори илмии пешниҳодгардида ба таҳқиқи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, манбаъ ва таъсири он ба низомҳои ҳуқуқии муосир бахшида шуда, яке аз масъалаҳои кам пажӯҳишгардидаи илми ҳуқуқшиносии миллӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан Авесто ва

Вандидод, ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ ва оилавии он давраро баррасӣ намуда, иртиботи онро бо низомҳои ҳуқуқии исломӣ, римӣ, англо-саксонӣ ва муосири тоҷик нишон додааст.

Навгониҳои илмии пешниҳодшуда, аз ҷумла падидаи «хариди гуноҳ», маҳдудкунии озодӣ, ҳифзи ҷанин, танзими муносибатҳои оилавӣ, инчунин таваҷҷуҳ ба принсипи ахлоқии муносибат бо ҳайвонот, аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ арзиши баланди илмӣ доранд. Муаллиф дар ин таҳқиқот асосҳои муътамади таърихӣ ва далелҳои қавӣ пеш меорад, ки барои таҳкими ҳувияти ҳуқуқии миллӣ ва амалисозии сиёсати ҳуқуқии кишвар муҳиманд.

Дар таҳқиқот таъкид шудааст, ки баъзе меъёрҳои ҳуқуқӣ ва анъанаҳои зардуштиро ҳамчун манбаи арзишманд барои такмили қонунгузории муосири Тоҷикистон ва рушди низоми ҳуқуқии миллӣ метавон истифода кард. Ин пешниҳодҳо имконият медиҳанд, ки бо эҳтиром ба мероси таърихӣ ва арзишҳои миллӣ рушди низоми ҳуқуқӣ ва мукаммалсозии он таъмин гардад.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот ба баъзе аз ақидаҳои муаллиф розӣ шудан мушкил аст. Аз ҷумла:

1. Муаллиф дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда таъкид мекунад, ки падидаҳои ҳуқуқии муосир, аз қабили якканикоҳӣ, розигии тарафайн, ҷуброни зарар ва ғайра, ки дар низомҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ амал менамоянд, аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегиранд (с. 11 автореферат). Аммо далелҳои таърихӣ ва ҳуқуқии равшану дақиқ, ки гузариши падидаҳои мазкурро асоснок созанд, дар автореферат оварда нашудааст. Чунин изҳороти муаллиф хусусияти умумӣ дошта, асоснокнамоиро талаб менамояд.

2. Тавре аз мавзуи таҳқиқот бармеояд, он ба масъалаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мутобиқи Вандидод, яъне ба таърихи ҳуқуқи миллати тоҷик, махсусан яке аз сарчашмаҳои қадимаи ҳуқуқии ин миллат бахшида шудааст. Дар қисми дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муаллиф дар баробари олимони ватанӣ як қатор олимони хориҷиро низ номбар кардааст. Мехостем аз муаллиф фаҳмида бошем, ки олимони хориҷӣ оид ба мавзуи таҳқиқот чӣ гуна таҳлилҳоро анҷом додаанд ё кадом асарҳоро ба нашр расондаанд.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назария ва такмили амалии қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи сарчашмаҳои миллӣ саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, декани факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон — Ҳамроев Ш.С.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел.: (+992 237) 227-53-37
E-mail: shuxrat-hamro62@mail.ru

**Имзои Ҳамроев Ш.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон — Исмаилова М.Н.

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел.: (+992 237) 221-35-50
Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru

«24» 11 2025 сол